**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**УДК: 321.022**
**ББК: 66.01 (2 тоҷик)**
**К-25**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**Қаландаров Кароматулло Қаландарович**

# РАВАНДИ ТАШАККУЛИ СИСТЕМАИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРПАЗИРИИ ҶОМЕА
## (дар мисоли Тоҷикистон)

**Ихтисоси:** 23.00.02 – Ниҳодҳо,
равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илмҳои сиёсӣ

**Душанбе - 2021**

Диссертатсия дар кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони
факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
омода гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Муҳабатов Абдусалом** – номзади илмҳои фалсафа, профессори кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Акмалова Мунира Абдунабиевна –** доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, декани факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон; |
| | **Комилбек Амид Ёрбек** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | Муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» |

Ҳимояи диссертатсия «01» октябри соли 2021, соати «13:00» дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сомонаи расмии ДМТ (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ______________ соли 2021 фиристода шуд.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Раҷабов И.Ш.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ.** Дар байни равандҳои гуногун ва ҳодисаҳои мухталифу мураккаби ҳаёти сиёсӣ яке аз масъалаҳои муҳим ин масъалаи системаи сиёсии ҷомеа мебошад. Аз ҳамин сабаб, таҳқиқи ҳамаҷонибаи омилҳо ва сабабҳои гуногуни ташаккул ва инкишофи системаи сиёсӣ дар қаринаи рушди давлатҳои муосир аҳамияти дучандро соҳиб гардидааст. Бинобар ин, масъалаи мазкур диққати доираи васеи муҳаққиқон ва олимони соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла сиёсатшиносон, файласуфон, таърихшиносон, ҷомеашиносон, ҳуқуқшиносон, равоншиносон ва дигар мутахассисонро ба худ ҷалб намудааст.

Аз таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмию назариявӣ бармеояд, ки системаи сиёсӣ дар шакл ва навъҳои гуногун дар марҳилаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа арзи ҳастӣ намудааст. Ташаккули системаи сиёсӣ дар заминаи бавуҷудоии давлат ҳамчун унсури муҳимтарини он муайян карда мешавад. Ба назари мо, мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани омӯзиши системаи сиёсӣ ба марҳилаҳои муосири рушди инсонӣ тааллуқ дорад, зеро дар замонҳои гузашта диққати асосӣ маҳз ба давлат ҳамчун воҳиди муайянкунандаи сиёсӣ равона карда мешуд.

Дар ташаккул ва рушди системаи сиёсии ҷомеа нақши омилҳои иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодию фарҳангӣ ва маънавию ахлоқӣ бениҳоят назаррас аст, ки аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои гуногун ҷанбаҳои таърихӣ, психологӣ, фалсафӣ, ҳуқуқӣ ва инчунин сиёсии он то андозаи муайян мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҷиҳатҳои зикршудаи системаи сиёсӣ имрӯз ҳам предмети асосии баҳсу мунозираҳои доираҳои гуногуни илмию тадқиқотӣ қарор дорад.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки аз таҳлили нисбатан амиқи адабиёти мавҷуда дар ин мавзӯъ метавон чунин пайгирӣ намуд, ки назари ягона дар нисбати моҳияту мазмун ва хусусиятҳову навъҳои системаи сиёсӣ дар байни олимон вуҷуд надорад. Аз ин хотир, таҳқиқи масъалаи системаи сиёсии ҷомеа дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон амри муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Аҳамияти кори диссертатсионӣ инчунин дар он аст, ки системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди демократикунонии ҷомеа то ба ҳол ба таври комил таҳлилу таҳқиқ нашудааст. Гарчанде баъзе аз олимони ватанӣ дар бораи падидаи мазкур китобҳою мақолаҳои илмӣ таълиф намуда бошанд ҳам, то ҳол масъалаҳое вуҷуд доранд, ки бояд пайваста аз онҳо думболагирӣ кард, то ин ки хусусиятҳои системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози илмӣ нишон дода шаванд. Аз он хотире, ки ҳоло ҳам масъалаҳои ҳалнашуда дар назария ва амалияи сиёсӣ вобаста ба масъалаи мазкур вуҷуд доранд, омӯзиш ва таҳлили пайваста паҳлуҳои мухталифи системаи сиёсӣ дар замони муосир аҳамияти бештари илмию амалиро ба худ касб намудааст.

Марҳилаи муосири рушди ҷомеаи инсонӣ хусусиятҳои демократии системаи сиёсии ҷомеаро тақозо менамояд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба шароити демократикунонии ҷомеа ва давлатҳои имрӯза алоқаманд мебошад. Назаррас гаштани нақши системаи сиёсии демократӣ дар воқеияти пасошӯравӣ ҳамчун марҳилаи нави рушди ҷаҳон буда, дар ин раванд тағйиротҳои сифатан нав дар

инкишофи давлатҳои ҷаҳон ба амал омад. Хусусан, ин таҳаввулот ба системаҳои сиёсии кишварҳои муосир ва унсурҳои таркибии онҳо мансуб мебошад.

Бо назардошти воқеияти инкишофи системаҳои сиёсии давлатҳои имрӯза мо метавонем ба хулосае биёем, ки системаи сиёсии олам ва низоми ҷаҳонӣ тадриҷан дигаргун шуда истодааст. Бинобар ин, барои дарки инкишофи муттасил, муайяннамоии хусусият ва сатҳи аҳамиятнокии тағйироти глобалӣ зарур аст, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба заминаҳои тағйироти системаи сиёсӣ дар фазои пасошӯравӣ равона гардад. Илова бар ин, воқеияти рушди системаи сиёсии ҷомеа бояд бо назардошти гузашта ва ояндаи он мавриди баррасӣ қарор бигирад.

Бар замми ин, муайяннамоӣ ва дарки назариявии самтҳои нави инкишофи системаи сиёсии демократӣ, хусусиятҳои навини падидаи мазкур дар ҳаёти сиёсии кишвар ва дурнамои рушди он аз аҳамият холӣ нест. Аз ин лиҳоз, коркарди консепсияи муайяни рушди системаи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мубрами рӯз ба ҳисоб рафта, бояд мавриди пажӯҳиши доимӣ қарор бигирад.

Таҳлили як қатор масъалаҳои назариявӣ имкониятҳои гуногунро дар омӯзиши амиқи раванди ташаккул ва инкишофи системаи сиёсии демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меорад. Ба андешаи мо, таҳқиқоти суратгирифта имконият медиҳад, ки методикаи ягона ва баҳогузории омилҳо ва сабабҳои мухталифи рушди системаи сиёсии ҷомеа дар Тоҷикистон таҳқиқ карда шавад. Бо назардошти хусусиятҳои ҳолати имрӯза ва дурнамои рушди Тоҷикистон ба сифати давлати демократӣ бояд мавзӯи мазкур мавриди таҳқиқи пайваста қарор бигирад. Зарурӣ ва саривақтӣ будани таҳқиқи мавзӯи тадқиқотӣ инчунин аз ҷиҳатҳои зерин бармеояд:

- зарурати такмили минбаъдаи назария ва амалияи системаи сиёсии демократӣ, мушаххасгардонии мақом ва нақши он дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол;

- хосияти демократӣ бахшидан ба унсурҳои асосии системаи сиёсӣ ва фаъолияти онҳо, чун имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи инкишофи демократиро пеша гирифтааст ва вазифадор аст, ки дар заминаи такмили меъёрҳои конститутсионӣ ба институтҳои сиёсии ҷомеа ва фаъолияти онҳо имкониятҳои мусоид фароҳам оварда, ҳалли масъалаҳои мухталифро дар доираи режими сиёсии демократӣ имконпазир гардонад;

- тағйироти куллии ҳаёти сиёсии Тоҷикистони муосир дигаргунии муносибатҳои одамонро нисбат ба ҳаёти сиёсӣ ва падидаҳои гуногуни он ба монанди ҷаҳонбинӣ, шуури сиёсӣ, тафаккури сиёсӣ ва маданияти сиёсии онҳо тақозо менамояд. Аксари мардум бояд дар асоси арзишҳои демократӣ ба воқеияти сиёсии кишвар рӯ биоранд, зеро бе тағйири муносибат нисбат ба ҳаёти сиёсӣ мо ба муваффақиятҳои назаррас ноил шуда наметавонем;

- назардошти ҳолати идеологии Тоҷикистони муосир низ бисёр масъалаи муҳим ба назар мерасад, зеро дар шароити демократӣ ин ё он идеология наметавонад ба сифати идеологияи ҳукмрони давлатӣ баромад кунад. Чи тавре ки маълум аст дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри гузашта дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии кишварамон як навъ фазои холии идеологӣ ба миён

омад. Аз ин ҳолат неруҳои муайяни сиёсӣ сӯистифода намуда, вазъияти сиёсии кишварро бо мақсадҳои ғаразноки хеш нооромгардониданд. Ба ақидаҳои сиёсии мардум таъсири манфӣ расонида, умуман, шуури сиёсии халқро коҳиш доданд, ки ниҳоятан чунин ҳолат ба падидоии тамоюлҳои манфию мушкилзо боис гардид. Чунин ҳолату вазъияти мураккаб монеаҳои ҷиддиро дар ташаккули системаи нави сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд овард, ки ин ҳолат ба ташаккули режими демократии кишвар монеаҳои зиёд ба миён овард.

Ба ҳамин тариқ, мо тасмим гирифтем, ки дар асоси сарчашмаҳои мухталифи расмӣ, адабиёти илмию назариявӣ ва маълумоти гуногуни оморӣ раванди ташаккулу инкишофи сиситемаи сиёсии демократии Тоҷикистонро то ҳадди имкон таҳлилу таҳқиқ намоем.

**Сатҳи омӯзиши илмии мавзӯъ.** Аз он хотире, ки масъалаи системаи сиёсӣ аз зумраи масъалаҳои муҳими ҳаёти сиёсӣ, хосатан дар шароити муосири рушди олам ба ҳисоб меравад, дар атрофи он ва масоили марбути инкишофи падидаи мазкур олимон ва муҳаққиқони хориҷию ватанӣ ибрози назар намуда, асарҳои худро перомуни он таълиф намудаанд. Бо назардошти осори зиёди классикон ва олимони муосир дар мавриди системаи сиёсии ҷомеа, мо тасмим гирифтем муҳаққиқонро ба якчанд гурӯҳ ҷудо намоем.

**Аввалан**, муҳаққиқони ғарбӣ, ки бевосита ба масъалаи системаи сиёсӣ рӯ овардаанд ва ё онро дар пайвастагӣ бо масоили дигари ҳаёти ҷомеа мавриди баррасӣ қарор додаанд, чун Г. Алмонд, Ҷ. Пауэлл, К. Стром, Р. Далтон, Т. Парсонс, Крозе, А. Лейпхарт, Н. Луман, Д. Истон ва диг.[1]

Олимони шинохтаи Ғарб Г. Алмонд, Ҷ. Пауэлл, К. Стром, Р. Далтон дар асарашон «Сиёсатшиносии муқоисавӣ имрӯз» оид ба масъалаҳои гуногуни сиёсатшиносии муқоисавӣ, қиёси системаҳои сиёсӣ, маданияти сиёсӣ ва сотсиализатсияи сиёсӣ, артикулятсия ва агрегатсияи манфиатҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ, муассисаҳои ҳукуматӣ ва коркарди самтҳои афзалиятноки рушди сиёсӣ ва инчунин, сиёсати давлатӣ маълумот додаанд.

[1] Ниг.: Алмонд Г., Пауэлл Дж., Стром К., Далтон Р. Сравнительная политология сегодня: Мировой обзор: М., 2002. 537 с; Almond G., Powell G. Comparative Politics Today: A World View. N.Y.: Harper Collins Publishers, 1992. 600 p.; Парсонс Т. Общетеоретические проблемы социологии. // Социология сегодня. Проблемы и перспективы. М., 1965. С. 25-68; Боз ӯ. Современное состояние и перспективы систематической теории в социологии / Современная западная теоретическая социология / Т. Парсонс. М., 1994; Боз ӯ. Система координат действия и общая теория систем действия: Культура, личность и место социальных систем. М., 1994; Боз ӯ. Понятие общества: Компоненты и их взаимоотношения / Современная западная теоретическая социология / Т Парсонс. М., 1994; Боз ӯ. Система современных обществ / Т. Парсонс. М., 1997; Боз ӯ. Введение. Общий обзор / Американская социология. Тексты / Т. Парсонс. М., 1972; Крозье. Основные тенденции сложных обществ // Социально-политический журнал. 1992. №6-7; Лейпхарт А. Сообщественная демократия // А. Лейпхарт, Полис. 1992. №3. С. 86-100; Луман Н. Изменение парадигмы в системной теории // Современная зарубежная социология (70-80-е гг). М., 1993; Боз ӯ. Почему необходимо «системная теория»? // Проблемы теоритической социологии. СПб., 1994. С. 39-52; Easton D. The Political System. N.Y.: A. Knops, Inc; 1953. P. 127; Easton D. A System Analysis of Political life. N.Y.: John Willey Inc., 1965. P. 153; Easton D. Framework for Political Analysis. N.J.: Prentice Hall, 1965, P. 112; Истон Д. Новая революция в политической науке: Д. Истон. Социально-политический журнал. 1993. №8. С. 115-128; Боз ӯ. Категории системного анализа политики //Политология: Хрестоматия / сост.проф. М. А. Василик, доц. М. С. Вершинин. М.: Гардарики, 2000. 843 с ва диг.

Бар замми ин, ин донишмандон дар китоби мазкур таҳқиқоти олимон Р. Роуз, М. Мэнион ва О. Рэнниро вобаста ба муқоисаи системаҳои сиёсии давлатҳои Англия, Хитой ва Амрико мавриди баррасӣ қарор додаанд.

**Сониян**, олимон ва муҳаққиқони рус, ки ба омӯзиши паҳлуҳои мухталифи системаи сиёсии ҷомеа пардохтаанд, аз қабили Ю. А. Тихомиров, В. Е. Чиркин, П. Скалник, М. Г. Анохин, В. К. Борисов, Г. Белов, М. Н. Марченко, Г. В. Каменская, А. Н. Родионов, Л. И. Селезнев ва ғ.[1]

Муҳаққиқони рус Ю. А. Тихомиров ва В. Е. Чиркин дар асарашон «Асосҳои назарияи системаи сиёсӣ» якчанд паҳлӯҳои системаи сиёсиро таҳқиқ намудаанд. Қабл аз ҳама, онро ҳамчун предмети таҳқиқоти илмӣ муайян намуда, дар ин алоқамандӣ асосҳои методологии таҳлил ва хусусиятҳои системаи сиёсиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Илова бар ин, онҳо хосияти байнифаннии назарияи системаи сиёсӣ ва мафҳумҳои асосиеро, ки дар он истифода мешаванд, тазаккур додаанд.

Ҳамзамон олимони мазкур оид ба вазифаҳо ва сохтори системаи сиёсӣ, мақом ва нақши унсурҳои таркибии он дар рушди ҷомеа ва инчунин, амалишавии системаи сиёсиро дар муҳити муайян таҳқиқ намудаанд. Аз ҳама ҷолиб он аст, ки олимони зикргардида қонуниятҳои амалнамоӣ, инкишофи системаи сиёсии ҷомеа ва хусусиятҳои мухталифи онро вобаста ба навъҳои гуногуни ҷомеа (сотсиалистӣ, буржуазӣ, рӯ ба инкишоф) нишон додаанд.

**Солисан**, инчунин муҳаққиқони ватанӣ, ба мисли Г. Н. Зокиров, А. Раҳимов, Қ. Расулов, А. Муҳаббатов, А. Муҳаммад, М.А. Акмалова, А.Ё. Комилбек, Л. Сафаров, Ш. Хоҷаев, Ҳ. К. Бедилов, Ш. М. Файзалиев, З. Ҳукмишоев, Н. Шаъбонов ва дигарон[2] дар китобҳо ва мақолаҳояшон оид ба ташаккул ва

---

[1] Ниг.: Основы теории политической системы / отв.ред. Ю. А. Тихомиров, В. Е. Чиркин. М., 1985. 248 с.; Скальник П. Понятие «политическая система» в западной социальной антропологии //Советская этнография, 1991. №3; Анохин М. Г. Политические системы: адаптация, динамика, устойчивость. М., 1996; Борисов В. К. Теория политической системы. М., 1991; Белов Г. Эволюция нормативной политической системы современного российского общества // ОНС. 1996. №1; Марченко М. Н. Очерк теории политической системы. М., 1985; Каменская Г. В., Родионов А. Н. Политические системы современности. М., 1994; Селезнев Л. И. Политические системы современности: сравнительный анализ. СПб, 1995 ва ғ.

[2] Ниг.: Зокиров Г. Н. Системаи сиёсӣ: Масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф. Душанбе: Истеъдод, 2011. 352 с.; Боз ӯ. Донишномаи сиёсӣ (иборат аз 3 ҷилд). Ҷ. 3. Душанбе, 2015. С. 150-152; Раҳимов А., Расулов Қ. Системаи сиёсии ҷамъият. Душанбе, 2005. 47 с.; Муҳаббатов А. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Истеъдод, 2013; Боз ӯ. Ҳизбҳои сиёсӣ: воқеият ва дурнамо. Душанбе: Истеъдод, 2011; Боз ӯ. Раванди таҳаввулот дар инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ /Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қ. 3. Душанбе, 2015. С. 10-16; Боз ӯ. Демократия ва гуногунандешӣ асоси маънавии ташаккули системаи бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон /Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қ. 4. Душанбе, 2016. С. 9-19; Боз ӯ. Инкишофи системаи бисёрҳизбӣ дар раванди тағйирёбии ҷомеа /Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қ. 5. Душанбе, 2017. С. 3-11; Боз ӯ. Мақом ва нақши фаъолияти иҷтимоию сиёсии ҳизбҳои сиёсӣ дар бунёди ҷомеа демократӣ /Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қ. 6. Душанбе, 2018. С. 5-19; Боз ӯ. Раванди сиёсӣ – омили муҳими ташаккулёбии системаи сиёсӣ /Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қ. 7. Душанбе, 2019. С. 26-36; Муҳаммад А. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. Душанбе, 2016. С. 270-273; Акмалова М.А. Роль Общественного совета, политических партий и НПО в укреплении независимости Республики Таджикистан // Вестник ТГУПБП. –2013. –№3 (55). –С.196-203.; Акмалова М.А. Низоми бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2010. – № 9. – С.197-100. Комилбек А.Ё. Идоракунии сиёсӣ: мафҳум ва моҳияти он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2019. –№1. –С.268-172.; Сафаров Л. Многопартийная система в Республике Таджикистан и её влияние на процесс развитие парламентаризма /Масъалаҳои актуалии равандҳои

инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар алоқамандӣ бо раванди демократикунонии ҷомеа ва татбиқи меъёр ва арзишҳои демократӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти зиёд ва мухталифро ба амал баровардаанд.

Муҳаққиқи ватанӣ Г. Н. Зокиров дар китоби нисбатан мукаммали хеш таҳти унвони «Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф» ҷанбаҳои гуногуни ин падидаи муҳими ҳаёти сиёсиро мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф дар китоби хеш кӯшидааст системаи сиёсиро, пеш аз ҳама, ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ нишон бидиҳад.

Ӯ ҳамзамон таркиб, салоҳият, навъҳову шаклҳои зуҳурот ва вазифаҳои системаи сиёсии ҷомеаро мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор додааст. Муқоисаи системаҳои сиёсии пешбари олам (ИМА, Британияи Кабир, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федеретсияи Русия ва Ҷумҳурии Исломии Эрон) нисбатан таҳлили амиқ ёфтаанд. Системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои гуногуни рушд ва дурнамои он арзиши махсусро соҳибанд, ки дар китоби мазкур ифодаи худро ёфтаанд.

А. Раҳимов ва Қ. Расулов китобчае таҳти унвони «Системаи сиёсии ҷамъият»-ро таълиф намудаанд, ки дар он мафҳум ва моҳияти системаи сиёсии ҷомеа, давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун унсурҳои асосии он, хусусиятҳои системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият инъикоси худро ёфтаанд.

М.А. Акмалова дар таҳқиқоти худ фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ташаккули низоми бисёрҳизбӣ, нақш ва мавқеи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва Шӯрои ҷамъиятиро таҳлилу баррасӣ намуда, ҷойгоҳи онҳоро дар раванди таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва рушди давлатдории миллӣ нишон додааст. А.Ё Комилбек ба масъалаи идоракунии сиёсии ҷомеа диққати зарурӣ дода, субъектҳои идоракунии сиёсию давлатӣ, фаъолияти иттиҳодияҳои сиёсӣ, рушди хизмати давлатӣ, ҳамкории мутақобилаи давлат бо бахши хусусӣ дар низоми идоракунии сиёсиро таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Донишманди шинохтаи тоҷик ва сиёсатшиноси варзида А. Муҳаббатов дар китоби худ «Ҳизбҳои сиёсӣ: воқеият ва дурнамо» масъалаҳои гуногуни марбут ба ҳизбҳои сиёсиро дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои демократии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии амиқ қарор додааст. Дар китоб тазаккур дода мешавад, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди давлати демократӣ, инчунин, таҳкими системаи сиёсии муосири кишвар нақши назаррас мебозанд. Мақоми онҳо дар ҳаёти сиёсии

---

сиёсии Тоҷикистон. Қ. 5. Душанбе, 2017. С. 95-106; Хоҷаев Ш. Ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ /Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир (Маводи мизи мудаввари ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ). Душанбе, 2019. С. 389-398; Боз ӯ. Моҳият ва хусусиятҳои ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ /Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қ. 7. Душанбе, 2019. С. 123-125; Бедилов Ҳ. К, Файзалиев Ш. М. Назарияҳои муосири системаи сиёсии ҷомеа /Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир (Маводи мизи мудаввари ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ). Душанбе, 2019. С. 148-159; Ҳукмишоев З. Омилҳои ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар низоми демократӣ /Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қ. 6. Душанбе, 2018. С. 70-79; Боз ӯ. Раванди сиёсӣ. Душанбе: «Эр-граф», 2021. 112 с.; Шаъбонов Н.Н. Ташаккули системаи сиёсӣ дар раванди сиёсӣ. Китоби Равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

кишвар ба таври барҷаста ифода меёбад, ки демократӣ будани системаи сиёсии Тоҷикистонро дар марҳилаи муосири рушд ифода карда метавонад.

Муҳаққиқони номбурда, дар маҷмӯъ, раванди ташаккул ва инкишофи системаи сиёсии ҷомеаро, ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ баррасӣ карда, мақом ва накши институтҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандиро дар такмили падидаи мазкур вобаста ба татбиқи меъёр ва арзишоти демократӣ нишон додаанд.

Дар заминаи таҳлили адабиёти мазкур маълум мегардад, ки донишмандони зиёд дар масъалаи системаи сиёсии ҷомеа ба таври бевосита ва ё бавосита дахл намуда, паҳлуҳои мухталифи онро мавриди баррасӣ қарор додаанд, вале боз ҳам ҷиҳатҳое низ вуҷуд доранд, ки дар фаъолияти тадқиқотии минбаъда ҳатман бояд мадди назар қарор бигиранд. Аз муҳимтарин хусусиятҳои системаи сиёсӣ ин аст, ки падидаи мазкур дар қатори ҳаёти инсонӣ ҳамеша дар дигаргунӣ ва такомул аст ва баъзан завол низ мепазирад. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар омӯзиши ҳамаҷонибаи системаи сиёсии ҷомеа, хоссатан дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон пажӯҳиши пайваста ва доимиро тақозо мекунад.

Илова бар ин, дар раванди навиштани рисолаи илмӣ як қатор сарчашмаҳо истифода шуданд, ки ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардани онҳоро зарур мешуморем.

**Гурӯҳи аввал** аз санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳое иборат аст, ки мақомоти давлатӣ онҳоро қабул кардаанд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрию-ҳуқуқӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Оинномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Принсипҳои байналмилалии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо «Дастур оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ», Меморандуми ҳамкории «Конфронси байналмилалии ҳизбҳои сиёсии Осиё», Паймони байналмилалӣ «Дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ» ва ғ.[1]

[1] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашр. «Нашриёти Муосир». Душанбе, 2019. С. 5-45; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 10.12.1999 сол қабул гардидааст. Амалкунанда; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» // Бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №106 аз 14.11.1995 сол қабул гардидааст. Амалкунанда. Таҳрири охирин 03.08.2018 с., №1542; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» // Бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №680 аз 13.11.1998 сол қабул гардидааст. Амалкунанда. Таҳрири охирин 19.07.2019 с., №1632; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» // Бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №508 аз 19.05.2009 с. Амалкунанда. Таҳрири охирон 02.01.2020 с., №1681; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ» // Бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №258 аз 12.05.2007 с. Амалкунанда. Таҳрири охирон 02.01.2019 с., №1575; Қонуни

**Гурӯҳи дуюм** сарчашмаҳое ба ҳисоб мераванд, ки ба таҳкими давлатдории миллӣ, такмили давлати демократии Тоҷикистон ва татбиқи хусусиятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мисоли ҷомеаи тоҷикистонӣ мансуб мебошанд. Ин сарчашмаҳо дар асарҳо, паём ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифода меёбанд.[1]

Бо назардошти ҷиҳатҳои дар боло зикргардида ва баррасии масоили тадқиқнашуда ва омӯзиши хусусиятҳои системаи сиёсии нави Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба хулосае омад, ки мавзӯи мазкур ба таври муфассал ва мукаммал аз ҷониби муҳаққиқон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, ин масъала таҳлил ва таҳқиқи ҳамаҷонибаро дар доираи имконоти методологии илмию назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии иҷтимоию сиёсӣ тақозо менамояд. Мо низ дар ин алоқамандӣ кӯшиш ба харҷ хоҳем дод, то ба воситаи имконот ва шароити мавҷуда дар ҳалли масъалаҳои гуногуни системаи сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон саҳми худро бигузорем.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро рушди системаи сиёсии ҷомеа дар шароити трансформатсионӣ ташкил медиҳад.

**Предмети фаъолияти таҳқиқотӣ.** Таҳқиқи ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои навини он ташкил медиҳад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Дар асоси мушаххасгардонии объект ва предмети фаъолияти таҳқиқотӣ мо мақсади кори илмии худро тариқи зер муайян намудем: таҳлил ва баррасии ҳамаҷонибаи моҳият, хусусият, вазифаҳо ва раванди ташаккулёбиву инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир.

Бо назардошти мақсади муайянгаштаи фаъолияти таҳқиқотӣ ва воқеияти шароити демократии ҷомеа ва кишвар мо вазифаҳои таҳқиқотро ба таври зерин муайян намудем:

- мушаххасгардонии аниқи мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои системаи сиёсӣ;
- муайяннамоии мақом ва нақши системаи сиёсӣ ҳамчун омили меҳварӣ дар рушди ҳаёти ҷомеа;
- ошкор намудани хусусиятҳои асосии тағйирпазирии системаи сиёсӣ;

---

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1471 аз 02.01.2018 с. Амалкунанда. Таҳрири охирон 17.05.2018 с., №1525; Сайт Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: mfa.tj/uploads/main/2013/03/strategiya-rusi-15-08-2016_bidu-takhrir.pdf (Дата обращения: 15 апреля 2019 г.); Сайт народной демократической партии Таджикистана. [Электронный ресурс]. URL:tribun.tj/ru/ (Дата обращения: 25 мая 2018 г.); Международные принципы Совета Европы «Руководящие принципы правового регулирования деятельности политических партий» // Принято Венецианской комиссией на 84-м пленарном заседании от 15-16 октября 2010 г. [Электронный ресурс]. URL:osce.org/files/f/documents/1/f/81988.pdf (Дата обращения: 15 апрея 2019 г.); Сайт МКАПП. [Электронный ресурс]. URL:theicapp.org (Дата обращения: 16 августа 2018 г.); Международный пакт о гражданских и политических правах. [Электронный ресурс]. URL:un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/pactpol.shtml (Дата обращения: 16 августа 2018 г.).

[1] Рахмон, Э. О современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан [Текст] /Э. Рахмон. - Душанбе: Контраст, 2019. 124 с.; Боз ӯ. Таджикистану – сильное государство [Текст] /Э. Рахмон. //Вестник МПА СНГ, 1994. №1. С. 64-74; Боз ӯ. Наша цель – национальное согласие [Текст] /Э. Рахмон. Душанбе: Ирфон, 1997. 205 с.

- мушаххас гардонидани асосҳои сиёсӣ-ҳуқуқии баамалбарории системаи сиёсии демократӣ;

- муайян кардани масъалаҳо дар раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи системаи сиёсии демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқ.** Ба сифати асосҳои назариявию методологии фаъолияти таҳқиқотӣ, пеш аз ҳама, назарияи умумии система, консепсияҳои иҷтимоӣ-кибернетикӣ дар доираи сиёсатшиносӣ (Д. Истон), иттилоотӣ-коммуникативӣ (К. Дойч), сохторӣ-функсионалӣ (Клод Леви-Стросс, Роберт Мертон, Г. Алмонд), културологӣ (Чарлз Эндрейн), алтернативӣ ё худ муносибати ғайриинститутсионалӣ (У. Розенау, Н. Пуланзас, М. Манн, П. Бурдие) баромад мекунанд.

Дар фаъолияти таҳқиқотии хеш, мо аз методҳои гуногуни илмӣ истифода бурдем, чун институтсионалӣ, системавӣ, сохторӣ-функсионалӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, муқобилгузорӣ, анализ ва синтез, контент-анализ, индуксия ва дедуксия ва ғ. Дар фаъолияти таҳқиқотӣ муаллиф бештари вакт ба хулосаҳои олимон ва муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ ва инчунин, донишмандони соҳаҳои дигари илм, ки маҷмӯан ватанию хориҷианд, такя намудааст.

Методҳое, ки дар кори илмӣ мавриди истифода қарор гирифтанд ва воқеан, арзиши баланди сиёсӣ доранд, ниёз ба тавзеҳи мухтасар доранд:

- методи институтсионалӣ, ки имкон фароҳам меорад, то ҷанбаҳои сиёсиву институтсионалии татбиқи фаъолияти сиёсии унсурҳои мухталифи ҷомеа дар доираи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор бигирад;

- методи системанокӣ, ки он имкон медиҳад сохтори таркибии системаи сиёсӣ, хоссатан дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад;

- методи сохторӣ-таърихӣ, ки ба баррасии масъалаҳои сиёсӣ зимни бакоргирии принсипи таърихият ба амал баровварда мешавад ва он имкон медиҳад, ки чигунагии тағйироти сифатӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи системаи сиёсии кишвар мушаххас гардонида шавад.

**Навгониҳои илмии фаъолияти таҳқиқотӣ.** Ҳар як фаъолияти таҳқиқотӣ замоне мусбат ва муҳим буда метавонад, ки ин ё он навгониҳои илмиро дошта бошад. Зимни мушаххас гардонидани мақсад ва вазифаҳои муайянгашта навгониҳои фаъолияти таҳқиқотиро метавон тариқи зер баён намуд:

- мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои системаи сиёсӣ таҳлили ҳамаҷонибаи худро бо назардошти ҷиҳатҳои пешин ва воқеияти муосири ҳаёти сиёсӣ ёфтаанд;

- мақом ва нақши системаи сиёсӣ дар алоқамандӣ бо ҳаёти сиёсӣ нишон дода шуда, ҳамзамон падидаи мазкур ҳамчун омили меҳварӣ дар рушди ҳаёти ҷомеа муайян гардидааст;

- хусусиятҳои асосии трансформатсияи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба давраи гузариши кишвар ошкор гардида, ҷиҳатҳои нави ин падидаи муҳими ҳаёти сиёсӣ зимни назардошти воқеияти ҷамъиятӣ дарҷ ёфтаанд;

- асосҳои сиёсию ҳуқуқии амалишавии системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон вобаста ба хусусиятҳои демократиаш нишон дода шудаанд;

- масъалаҳо ва мушкилоти пешрафти системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон муайян гардида, ҳамзамон дурнамои рушди он дар шароити имрӯзаи кишвар ба таври лозимӣ мушаххас гардонида шудааст.

**Муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ҳаёти сиёсии ҷомеа худ ба сифати система баромад менамояд ва аз ин хотир, дар омӯзиши он ниёз ба муносибати системавӣ мебошад, ки он дорои якчанд хусусият ва аломатҳост: он иборат аз якчанд унсурҳои таркибии ба ҳам алоқаманд мебошад, ки робитаи мутақобилаи онҳо ягонагии системаро таъмин менамоянд; мавҷудият ва рушди он дар алоқамандӣ бо системаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ имконпазир буда, дар шакли изолятсионӣ он наметавонад арзи вуҷуд намояд; он хосияти кушода дошта, ҳам ба муҳити беруна таъсир мерасонад ва ҳам аз он мутаассир мегардад: он хислати мутавозинӣ, босуботӣ, устуворӣ, мутобиқшавӣ ва ҳамгироиро низ соҳиб аст.

2. Вобаста ба ташаккули шаклҳои нахустини системаи сиёсии ҷомеа метавон гуфт, ки он аввалин бор дар ҷомеаи ғуломдорӣ ва баъдан, дар ҷомеаи феодалӣ ба миён омадааст. Дар ин даврон, системаи сиёсӣ заъфҳои зиёдро дошт ва наметавонист фаъолияти институтҳои гуногунро дар сатҳи зарурӣ таъмин кунад. Инкишофи системаи сиёсии ҷомеа, аслан, бо ташаккули муносибатҳои буржуазӣ рост меояд. Дар ҷомеа табақаҳо ва синфҳои мухталиф дар ин давра ба миён меоянд, ки пешбарандаи шакли нави муносибатҳои истеҳсолӣ мебошанд ва онҳо дорои ин ё он ташкилоти хоси худ ва идеологияи нав мебошанд. Бо ба миён омадани синфҳои мухталиф дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва табақаҳои гуногуни ҷомеа зарурат пеш меояд, ки онҳо ба ҳам муттаҳид гардонида шаванд. Зимни муттаҳидгардонии онҳо зарурати ифодаи манфиату талаботи онҳо низ пеш меояд, аз ин хотир, ба миён омадани ташкилот ва ё созмонҳои муайян амри зарурӣ маҳсуб меёбад (ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои гуногуни ҷамъиятӣ, иттифоқҳои касаба ва ғ.).

Барои танзим намудани фаъолияти ташкилоту созмонҳои синфҳо ва қишрҳои мухталифи ҷомеа зарур мешавад, то институти муҳимтарини системаи сиёсӣ, яъне, давлат ба миён биояд. Танҳо давлат ҳуқуқи инҳисорӣ ба тасвиб расонидани қонун ва муқаррароти дигарро дар сатҳи умумидавлатӣ соҳиб буда, дар асоси ин салоҳияти хеш он метавонад меъёрҳои ҳатмии фаъолият ва рафторро дар кулли ҷомеа муайян гардонад.

3. Зимни таҳлилу баррасии ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ ва ба ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардидани кишвар ҷиҳатеро метавон исрор намуд, ки дар ин замони гузариш системаи сиёсии кишвар хусусиятҳои муайянеро ба худ касб намуда буд. Ин хусусиятҳо дар камтаҷрибагии ходимони сиёсиву давлатӣ, сатҳи пасти шуур ва маданияти сиёсии мардум, хусусан, неруҳои нави сиёсӣ ифода мегашт. Институтҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ ба вуҷуд омаданд, ки бештари ҳолат аз анъанаҳои сиёсии даврони пешин рӯ тофта, арзишҳои навини демократиро танҳо бо ном пазируфтанд. Ифодаи манфиатҳои маҳалҳои мухталиф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ин гуна институтҳо ба миён омад. Чунин ҳолат, воқеан, вазъияти сиёсии кишварро муташанниҷ гардонида, рушди минбаъдаи онро зери

суол бурда буд. Ашхосе, ки дар сари қудрат буданд, ба сифати идоракунандагони соҳиблаёқат ва соҳибсалоҳият баромад карда наметавонистанд. Маҳз аз ҳамин хотир, моҷарои мусаллаҳона дар кишвар рух дод.

4. Ҷанги шаҳрвандӣ баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ муҳимтарин монеаи рушди кишвар ва хусусан, системаи сиёсии ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Ин ҷангро дар таърих ҳамчун ҷанги бародаркӯш низ муайян менамоянд, ки воқеан дуруст аст. Баъд аз заволи Иттиҳоди Шӯравӣ ва истиқлолияти давлатиро соҳиб шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон он ба сифати субъекти соҳибихтиёри муносибатҳои байналмилалӣ эътироф гардид, ки мутаассифона, дар ин ҳангом кишвар ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ дохил шуда буд.

5. Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар шароити демократикунонии кишвар аз дастовардҳои наҷиби давлатдории навини тоҷикон ба ҳисоб мерафт. Он зимни баамалбарории муқаррароти Конститутсия ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии кишвар ба даст омад. Имконияти аз нав ташаккул додани системаи сиёсӣ ва қабули қарорҳои мусбат ва саривақтии раванди идоракунӣ ба миён омад. Ин марҳила дар ҳақиқат марҳилаест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо системаи сиёсии нави хеш барои танзими муносибатҳои дохилидавлатӣ ва амалигардонии муносибатҳои хориҷии кишвар бо акторҳои сиёсати ҷаҳонӣ шароити мусоид фароҳам овард.

6. Ҷомеаи инсонӣ аз замоне, ки ташаккул ёфт, ҳамеша дар ҳолати тағйироту дигаргунӣ ва инкишофу пешравӣ қарор дорад. Ин тағйироту пешравӣ дар асоси қонуниятҳои объективии инкишофи ҷомеа сурат мегирад. Дар асоси таҳлили воқеияти таърихӣ метавон ба чунин натиҷа расид, ки тағйирот ва рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳаёти сиёсӣ зимни таҳаввулпазирии омилҳои объективию субъективӣ имконпазир мегардад.

Системаи сиёсии ҷомеа низ ҳамчун унсури муҳими ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ наметавонад бе тағйироту инкишоф арзи вуҷуд карда бошад. Бо ба миён омадани нахустин давлатҳои ғуломдорӣ ва ба сатҳи мутамаддин расидани ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ системаи сиёсии ҷомеа низ ба равандҳои гуногуни трансформатсионӣ рӯ ба рӯ гардидааст, ки марбут ба омил ва сабабҳои объективию субъективӣ мебошад. Бинобар ин, раванди тағйирпазирӣ вобаста ба макон ва замон ҳамеша дар шакли муайян ва бо хусусиятҳои мушаххаси хеш аз худ дарак медиҳад. Тағйирпазирии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аслан, баъд аз давраи истиқлолияти давлатиро соҳиб шудани кишвар шурӯъ мешавад. Қабули Конститутсия дар соли 1994 ва ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба он дар солҳои минбаъда (1999, 2003, 2016) имкон фароҳам овард, то қадамҳои нахустин ва устувор дар самти рушди демократии кишвар гузошта шавад. Ҳамзамон Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон низ нақши муҳими таърихии худро дар раванди трансформатсияи системаи сиёсии Тоҷикистон бозидааст.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулосагириҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҳқиқотӣ ҳангоми баррасии минбаъдаи масъалаи системаи сиёсии ҷомеа метавонад истифода гардад. Фаъолияти таҳқиқотӣ ва хулосаҳои илмии он дар ҳақиқат дар омӯзиши шаклгирии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун

давлати демократӣ ва рушди системаи сиёсии он басо муҳим ба назар мерасад. Натиҷаҳои кори илмӣ таҷассумгари таҳаввулоти сифатии даврони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мебошад. Кори диссертатсионӣ боз аз он ҷиҳат муҳим ба назар мерасад, ки дар баробари ифодаи унсурҳои назариявӣ ҷанбаҳои амалии шаклгирии системаи нави сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи дигаргуншавии ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ дар худ инъикос менамояд.

**Арзиши амалии таҳқиқот.** Бо боварии комил метавон гуфт, ки хулосаву натиҷагириҳо ва пешниҳоду тавсияҳои фаъолияти таҳқиқотӣ дар фаъолияти мақомоти муайяни ҳокимияти давлатӣ ва инчунин, институтҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди истифода қарор гирифта метавонанд. Илова бар ин, муқаррароти кори илмӣ ва натиҷаҳои он дар таълими фанҳои мухталиф, чун сиёсатшиносӣ, сиёсатшиносии амалӣ, сиёсатшиносии муқоисавӣ ва курси махсуси системаи сиёсии Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд.

**Таҳқиқот** дар кафедраи «Равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон»-и факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо маълумоти дақиқ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот асоснок карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмию мантиқӣ пешниҳод шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯи диссертатсонӣ маҳсули фаъолияти таҳқиқотии муаллиф мебошанд. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ-таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудааст. Саҳми шахсии муаллиф дар пешниҳоди роҳу воситаҳои таҳким ва такмили системаи сиёсии ҷомеа ва хоссатан, беҳтар намудани фаъолияти институтҳои давлатӣ ва ғайридавлатии кишвар бо назардошти меъёр ва арзишоти демократӣ ба таври барҷаста аён мегардад.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натоиҷи он.** Натиҷаҳо, нуктаҳои асосӣ ва муҳтавои кори диссертатсионӣ тайи солҳои 2013-2020 дар як қатор мақолаҳо ва маводи конференсияҳои илмию амалии сатҳи донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия**. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд. Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия муаллиф 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

**Сохтори диссертатсия.** Рисола аз муқаддима, 2 боб, ки 5 зербобро дар бар гирифтааст, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 177 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти омӯзиши мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзӯи интихобшуда таҳлилу баррасӣ гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд. Инчунин, дар муқаддима асосҳои

методологии таҳқиқот, навоварии илмӣ, бандҳои муҳими барои ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, сатҳи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявию методологӣ ва амалии системаи сиёсӣ»** аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби аввали боби якум **«Мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои системаи сиёсии ҷомеа»** бевосита ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқи системаи сиёсии ҷомеа бахшида шуда, дар он муаллиф дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ паҳлуҳои гуногуни раванди ташаккулёбии назарияи системаи сиёсиро нишон додааст.

Чандин даҳсола мешавад, ки мафҳуми «системаи сиёсӣ» ба илм ворид гардида, хусусиятҳои нав ба навро вобаста ба рушди ҳаёти сиёсӣ ба худ касб менамояд. Системаи сиёсӣ категорияи интегралии илми муосири сиёсӣ ба ҳисоб рафта, таҳлили гуногунҷабҳаи сиёсатро имконпазир мегардонад. Дар нимаи дуюми асри XX муносибати системанокӣ дар нисбати ҳаёти сиёсӣ ва раванду ҳодисаҳои гуногуни он мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифт. Дар ҳамин асос имконият фароҳам омад, ки раванди идоранамоии давлативу сиёсӣ ва қабули қарорҳои сиёсӣ ҳаматарафа баррасӣ шаванд.

Таҳлили асосҳои назариявии системаи сиёсӣ имкон доданд, ки шакл ва тарҳи мушаххаси системаҳои сиёсӣ мураттаб гардонида шуда, таҳлили муқоисавии онҳо вобаста ба айният ва тафовуташон ба амал бароварда шавад. Ҳамзамон донистани асосҳои мазкур боис мешавад, ки омилҳои системаи сиёсиро фарогиранда ва ангезаҳои «воридшавӣ» ва «хориҷшавӣ»-и системаи сиёсӣ таҳлил ёбанд. Баррасии ҳамаҷониби категорияи «системаи сиёсӣ» вобаста ба равандҳои трансформатсионӣ ва ташаккули ҷомеаи иттилоотии муосир аз ҷиҳати илмию назариявӣ хеле актуалӣ буда, омӯзиши назарияи системаҳои сиёсӣ аз солҳои 60-ум ва 70-уми асри XX сар шудааст. Имрӯз гарчанде даҳсолаҳо сипарӣ шуда бошад ҳам, мафҳуми «системаи сиёсӣ» зарурат ба омӯзишу таҳқиқ дорад.

Бартарият дар коркарди консепсияи «системаи сиёсӣ» ба сиёсатшиноси амрикоӣ Г. Алмонд дода мешавад. Дар доираи сиёсатшиносии амрикоӣ мафҳуми «системаи сиёсӣ» ба таври васеъ истифода шуда, дар нисбати маҷмӯи тамоми сохторҳои иҷтимоӣ вобаста ба фаъолияти сиёсиашон ва барои ифодаи таъсири мутақобилаи ҳокимият ва ҷомеа истифода бурда мешавад. Тибқи назари Г. Алмонд системаи сиёсӣ ба ғайр аз институтҳои сиёсӣ, инчунин сохторҳои иҷтимоию иқтисодӣ, анъанаҳои таърихиву арзишоти ҷомеа ва ҷанбаҳои рушди фарҳангии онро дар бар мегирад. Таъсири мутақобилаи олами сиёсат бо соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаи шаҳрвандӣ хосияти системанокиро дорад. Ба ибораи дигар, тағйири яке аз унсурҳо ҳатман боиси дигаргун гаштани тамоми ҷомеа мегардад. Гуфтаҳои боло чунин маънӣ доранд, ки олами сиёсатро танҳо дар алоқамандӣ бо ҷаҳони ғайрисиёсӣ ва таъсиррасонии тарафайни онҳо пурра дарк кардан мумкин аст.[1]

---

[1] Ниг.: Алмонд Г., Пауэлл Дж., Стром К., Далтон Р. Сравнительная политология сегодня: Мировой обзор /Сокр. пер. с англ. под ред. М. В. Ильина, А. Ю. Мельвиля. М.: АспектПресс, 2002. С. 37-38.

Дар аввал муносибати системанокиро дар таҳлили падидаҳои иҷтимоӣ ҷомеашиноси америкоӣ Талкотт Парсонс истифода бурдааст. Ӯ ба ҷои эмпиризм, ки дар доираи сотсиология мавқеи ҳукмрониро соҳиб буд, назарияи таъсири иҷтимоиро ворид намуд. Таъсири иҷтимоӣ тарафҳои гуногуни рафтори инсониро дар пайвастагӣ бо ҳолатҳои ангехтпазирӣ, ки аз муҳити беруна ба инсон мерасад ва инсон аз онҳо мутаассир мешавад, ифода менамояд. Ҳар як амалро метавон ҳамчун маҷмӯи зерамалҳои алоҳида ва унсури таркибии амали бузургтар, ки чун бутун баромад менамояд, муайян намуд. Аз ин ҷост, ки системаи амал маҷмӯи баҳамтаъсиррасониҳои субъекту объектҳо ва предметҳоеро дар худ инъикос мегардонад, ки бо онҳо ин ё он шакли муносибатро барқарор мегардонад. Барои мавҷудияти хеш система бояд ҳамеша ҳолати амалнамоиро анҷом бидиҳад.[1]

Яке аз муҳаққиқоне, ки назарияи системаҳоро тобиши илмӣ дода, онро ба илми сиёсӣ ворид намудааст, ин Дэвид Истон ба ҳисоб меравад. Ба қалами ӯ якчанд асар, ки мансуби системаи сиёсӣ ва ҷиҳатҳои гуногуни он мебошад, нисбат дода мешавад. Хусусан, монографияи ӯ «Таҳлили системанокии ҳаёти сиёсӣ» (1965) масъалаҳои марбути шароити зарурии мавҷудияту амалнамоии системаи сиёсиро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, зимни ин баррасиҳо моро зарур аст, ки моҳияти мафҳуми «системаи сиёсии ҷомеа»-ро муайян намуда, баъдан хусусиятҳои асосии ин падидаи муҳими ҳаёти сиёсиро нишон бидиҳем.

Дар атрофи моҳияти ин мафҳум олимони ватанию муҳаққиқони хориҷӣ ибрози назар намудаанд. Мазмуни маънидоднамоии онҳоро ба назар гирифта, системаи сиёсии ҷомеаро ҳамчун маҷмӯи институтҳои баҳамалоқаманди давлатӣ ва созмону иттиҳодияҳои иҷтимоию сиёсӣ муайян кардан мумкин аст, ки ба қоидаҳо, арзишҳо ва меъёрҳои муайян, инчунин ба муқаррароту дастурҳои режими сиёсии амалкунанда дар ҷомеаи мушаххас итоат менамоянд.[1] Дар маҷмӯъ, системаи сиёсӣ воқеияти объективии мавҷуда ба ҳисоб меравад. Он таҷассумгари соҳаи сиёсат дар шакли том ва яклухт буда, маҷмӯи баҳамтаъсиррасониҳо ва муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ҳокимияти сиёсӣ ифода менамояд. Аз ин хотир, системаи сиёсиро фақат як ҷамъи амалҳои акторҳои сиёсӣ маънидод кардан хатост. Он бештар инъикоскунандаи маҷмӯи муносибатҳоест, ки идоранамоии давлативу ғайридавлатӣ ва равандҳои мухталифи сиёсиро дар ҷомеаи муайян фарогир мебошанд.

Зербоби дуюми боби якум – «**Унсурҳои таркибӣ ва вазифаҳои системаи сиёсии ҷомеа»** ба омӯзиши сохтори системаи сиёсӣ бахшида шуда, дар он давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар унсурҳои меъёрии системаи сиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Агарчанде системаи сиёсӣ ҳамчун зерсистемаи ҷамъиятӣ баромад намояд ҳам, он дар бисёр ҳолат нисбат ба зерсистемаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ

---

[1] Ниг.: Парсонс Т. Введение. Общий обзор // Американская социология. Тексты. М.: Прогресс, 1972. С. 360-379.

[1] Ниг.: Новейший политологический словарь /авт.-сост. Д. Е. Погорелый, В. Ю. Фесенко, К. В. Филиппов. Ростов на/Д: Феникс, 2010. С. 221; Раҳимов А., Расулов Қ. Системаи сиёсии ҷамъият. Душанбе, 2005; Муҳаммад А. Н. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. Душанбе: Эр-граф, 2016. С. 270-273. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ (Иборат аз се ҷилд). Ҷ. 3. Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. С. 150; Категории политической науки. М.: РОССПЭН, 2002. С. 126 ва ғ.

ва умуман, системаи ҷамъиятӣ нақши муайянкунандагӣ мебозад. Маҳз ба воситаи системаи сиёсӣ механизми табдили манфиату талаботи гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ (миллатҳо, синфҳо, умумиятҳо, наслҳо ва ғ.) дар шакли қарорҳои мушаххаси сиёсӣ имконпазир мегардад.

Ногуфта намонад, ки системаи сиёсӣ агарчанде зерсистемаи ҷомеа ба ҳисоб рафта, аз зерсистемаҳои дигар таъсир бинад ҳам, вале он мустақилияти нисбиро низ соҳиб аст. Ба ибораи дигар, системаи сиёсӣ низ қудрат дорад дар бештари ҳолат ба зерсистемаҳои дигари ҳаёти ҷомеа таъсири назаррас расонад. Системаи сиёсӣ метавонад муайянкунандаи самти инкишофи иқтисодиёт дар марҳилаи мушаххаси рушди ҷомеа бошад, дар такмили шуури ҷамъиятӣ нақшгузор бошад ва самтҳои афзалиятноки пешрафти ҷомеаву давлатро дар асоси таҷдиди таркибии унсури иҷтимоӣ муайян намояд. Муҳимтарин аломати системаи сиёсӣ, ки онро аз дигар зерсистемаҳо дар тафовут мегузорад ин алоқамандии ҳамешагии он бо ташаккули ҳокимият ва раванди амалишавии он мебошад. Аз ин хотир, мазмуни системаи сиёсӣ дар мавҷудият ва фаъолияти ташкилотҳои расмию ғайрирасмии баҳамалоқаманд ифода меёбад, ки вазифиҳои мушаххаси сиёсиро иҷро менамоянд.

Унсури муҳимтарини системаи сиёсиро давлат ташкил медиҳад, ки доираи мутташаккилгардонии тамоми ҷомеаро ба амал мебарорад. Он ҳамчун институти асосии системаи сиёсӣ меъёрҳои мухталифро дар ҷомеа муқаррар намуда, шароити мусоидро баҳри фаъолияти самараноки ташкилотҳои гуногун фароҳам оварда, аз болои ҳамаи онҳо назорат мебарад. Раванду ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти сиёсиро дар алоқамандӣ бо масъалаи давлат метавон дарк намуд. Ба ҳамин хотир, давлат дар таркиби системаи сиёсӣ мақоми барҷаста дошта, нақши нисбатан назаррасро мебозад. Маҳз тавассути давлат доираи мухталифи манфиатҳои сиёсӣ ифодаи худро ёфта, падидаву равандҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ ба низом даровардa мешаванд. Вазифаи танзимнамоии ин унсури муҳими системаи сиёсӣ боиси фаъолияти пурсамари унсурҳои дигари системаи сиёсӣ гашта метавонад. Ягонагӣ ва устувории системаи сиёсӣ ва умуман ҷомеа вобаста ба амалишавии вазифаи танзимнамоии давлат мебошад. Дар пайвастагӣ бо мақом ва нақши давлат дар таркиби системаи сиёсӣ метавон баён кард, ки он тамоми равандҳои идории ҷомеаро бар ӯҳда дошта, ба соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад.

Системаи сиёсӣ бо назардошти ташаккули зерсистемаи институтсионалӣ, чун системаи давлатӣ ба миён омадааст ва баъдан, ба он ташкилотҳои дигар шомил гардидаанд. Бо бамиёноии ҳизбҳои сиёсӣ тадриҷан системаҳои ҳизбӣ ташаккул ёфтанд, ки дар натиҷаи баҳаматаъсиррасонӣ бо мақомоти мухталифи ҳокимияти давлатӣ моҳияту мазмуни системаи сиёсиро боз ҳам ғанитар гардониданд.

Баъди давлат ва мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ ҳизбҳои сиёсӣ дуюмин унсури муҳимтарини системаи сиёсӣ маҳсуб меёбанд. Онҳо, аз як тараф воситаи пайвандгари байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, табақаҳои ҷамъиятӣ ва синфҳо буда, аз ҷониби дигар, зимни иштироки худ дар ҳаёти сиёсӣ ва кӯшиши ба даст овардани ҳокимият бо мақсади амалигардонии манфиатҳои худ ин умумиятҳоро

бо давлат мепайванданд. Чи тавре муҳаққиқ А.Муҳаббатов қайд мекунад: «Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ механизми муҳиме мебошад дар тақсими захираҳои ҳокимияти сиёсӣ. Ҳизбҳои сиёсие, ки дар раванди ҳаёти сиёсӣ фаъолияташон хеле назаррас аст, бояд ду вазифаи муҳимро иҷро намоянд: вазифаҳои дохилӣ ва берунӣ.

Ба таркиби системаи сиёсӣ, инчунин ҳаракатҳои сиёсӣ ва созмонҳои гуногуни ҷамъиятӣ дохил мешаванд, ки ба таври бавосита ба раванди қабули қарорҳои сиёсӣ метавонанд таъсири худро гузоранд. Ҳамзамон нақши воситаҳои ахбори омма (ВАО) низ дар таркиби системаи сиёсии ҷомеа хеле назаррас мебошад. Зеро маҳз тавассути онҳо робитаи байниҳамдигарии давлат ва институтҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ барқарор мегардад. Хусусан, мақом ва нақши онҳо дар шароити муосир, ки ҷомеаи иттилоотиро мемонад, хеле бузург аст. Беҳуда нест, ки онҳоро дар замони муосир ҳамчун «ҳокимияти чорум» дар баробари ҳокимияти қонунбарор, ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти судӣ номгузорӣ менамоянд.

Унсури таркибии системаи сиёсиро инчунин маобид (масҷидҳо, калисоҳо, синагогҳо ва ғ.) ташкил медиҳад. Дар доираи системаи сиёсии ҷомеа барандаи моддии робитаҳо ва муносибатҳои мухталиф умумиятҳои гуногуни динию мазҳабӣ ва инчунин маобиди гуногун ба ҳисоб мераванд.

Унсури дигари системаи сиёсӣ, ки маданияти сиёсӣ ба ҳисоб меравад, дар рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа нақши назаррас мебозад. Маданияти сиёсӣ аз ҷумлаи унсурҳои асосии системаи сиёсӣ ба ҳисоб рафта, иқтидори маънавии ҷомеаро дар худ инъикос менамояд.

Боби дуюми диссертатсия – **«Тағйирпазирии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он»** аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби дуюм – **«Хусусиятҳои тағйирпазирии системаи сиёсӣ дар давраи гузариш»** ба таҳлили масъалаҳои гуногуни ивазшавии системаи сиёсӣ, гузариш аз як система ба систами сиёсии дигар, хусусиятҳои муҳимми раванди тағйирпазирии системаи сиёсӣ ва раванди дигаргуншавии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ба даст овардани истиқлолият бахшида шудааст.

Раванди таҳаввулпазирии системаи сиёсӣ ҳам ба омилҳои объективӣ ва ҳам субъективӣ алоқамандии зич дорад. Аз он вақте, ки системаи сиёсии шӯравӣ барҳам хӯрд, пас зарурати объективӣ ба миён омад, ки системаи сиёсии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ низ дигаргун шаванд, яъне шароити муносиби тағйирпазирии системаи сиёсии ин кишварҳо фароҳам омад. Аз амалияи сиёсӣ бармеояд, ки раванди гузариш аз як системаи сиёсӣ ба системаи сиёсии дигар падидаи бисёр мураккаб ва дар ҳолатҳои муайян мутазод аст. Ин гуна раванди гузариш дар сатҳу ҳолатҳои гуногун ва шароити пурихтилоф метавонад амалӣ гардад. Бинобар ин, бо назардошти авомили объективӣ ва субъективӣ раванди гузариш аз як системаи сиёсӣ ба системаи дигар бояд ба таври тадриҷӣ ва ғайриҷаҳишнок сурат бигирад, чунки ин раванд марҳилаи муайяни таърихиро дар бар гирифта, дар амалигардии хеш ба монеаву мушкилоти мухталиф метавонад рӯ ба рӯ гардад.

Дар таҳқиқоти мазкур давраи гузариш ҳамчун бартарафсозандаи арзишҳо ва анъанаҳои ғайрисамаранок ва имконияти ба вуҷуд оварадани мақсаду ҳадафҳои нав муайян карда мешавад. Дар давраи гузариш ҳар як ҷомеа бе истисно ба зарурати омехтагардонии унсурҳои меросии хеш ва падидаҳои нав рӯ ба рӯ мешавад. Он аз бисёр ҷиҳат ҳолати номутаносиби ҳаёти иқтисодию сиёсии ҷомеаро дар худ ифода менамояд. Дар ин мархила биниш ва тафаккури одамон ва умуман шуури ҷамъиятӣ дигаргун гашта, меъёр, талабот, манфиат ва мақсадҳои тамоми унсурҳои таркибии ҷомеа дигаргун мешаванд.

Дар раванди бадастоварии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз монеаҳои асосӣ ин ҷанги ҳамватанӣ буд. Дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри XX вазъияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле мураккаб гардид, ки баъдан заминаи бамиёноии моҷарои мусаллаҳонаро поягузорӣ намуд. Вазъияти сиёсии бамиёномада таҷассумгари воқеияти рушди кишвар, инкишофи ақлонию фарҳангии ҷомеа буд. Марҳилаи «бозсозӣ» ҳамчун давраи мушаххаси таърихӣ мутаассифона натавонист, ки мушкилиҳои ҷомеаро нобуд созад, баръакс равандҳои номатлуби иҷтимоию иқтисодӣ боз ҳам шиддатноктар гаштанд. Ҳаёти сиёсии ҷомеа ва инчунин рӯовариҳои фарҳангӣ бештар хосияти либералиро ба худ касб намуд. Дар маркази бозсозӣ аҳли зиё ҳамчун нерӯи мутаҳаррик баромад мекард. Онҳо вобаста ба мақоми ҷамъиятиашон нисбат ба муносибатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ назари интиқодӣ доштанд.

Дигаргуншавии системаи ҷамъиятӣ ва хусусан системаи сиёсии кишварҳои собиқ Итиҳоди Шӯравӣ вобаста ба заволи ин империяи бузург буд. Кишварҳои нави тозаистиқлол дар давраи гузариш аз тоталитаризм ба демократия қарор гирифтанд. Ин раванд хусусан барои кишварҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тааллуқ дошт. Тоҷикистон ба монанди дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ чунин самти тараққиётро пеш гирифт:

- демократикунонии ҳаёти сиёсӣ;
- бунёди иқтисоди бозоргонӣ;
- болоравии худшиносии миллию этникӣ;
- барқарорнамоии фарҳанги исломӣ;
- бунёди системаҳои бехатарии миллӣ ва минтақавӣ;
- иштирок дар тақсими байналхалқии меҳнат ва равандҳои сиёсиву ҳуқуқӣ.

Тағйиротҳои демократӣ қисмати муҳимтарини трансформатсияи системаи сиёсӣ ба ҳисоб мерафтанд. Хусусан демократикунонӣ ва рӯоварӣ ба иқтисоди бозоргонӣ ду ҷиҳати муҳимтарини трансформатсия ба ҳисоб мерафтанд. Дар навбати худ ҳар ду ҷиҳат дар робитаи байниҳамдигарӣ ва ҳамзамон алоқа бо дигар падидаҳои нави ҳаёти сиёсӣ ба таври бояду шояд арзи ҳастӣ менамуданд.

Амалишавии тағйирпазирии системаи сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон дар марҳалаҳои гуногун амалӣ гардидаанд. Дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза тӯли асрҳо сохти анъанавӣ ҳукмфармо буд. Баъд аз Инқилоби Октябр Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нав ворид гардид. Ин давраро низ ҳамчун марҳилаи тағйирпазирии системаи сиёсии Тоҷикистон муайян кардан мумкин аст. Зеро дар ин давра арзишҳо ва институтҳои наве пайдо шуданд, ки «ҷаҳиш»-и кишварҳои Осиёи Марказиро аз сохти феодалӣ ба сотсиализм таъмин намуданд. Гарчанде

Иттиҳоди Шӯравӣ сохти тоталитарии давлатдориро пеша намуд, вале он дар инкишофи таърихи сиёсии мардуми минтақа, аз ҷумла тоҷикон нақши бузург бозидааст.

Мавҷуд набудани интихоботи комилу озод, ки имконияти амалишавии принсипҳои асосии онро фароҳам намеорад, яке аз мушкилиҳои системаи сиёсии даврони шӯравӣ буд. Монеаи мазкур иштироки фаъоли мардумро дар раванди қабули қарори сиёсӣ ва амалишавии ҳокимияти сиёсӣ хеле маҳдуд мегардонад. Ҷиҳати муҳими дигаре, ки бештар ба инобат бояд гирифта шавад ва мансуб ба системаи сиёсию иқтисодии даврони шӯравист, ин иқтисодиёти нақшавии он ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати мазкур низ яке аз монеаҳои асосии иқтисоди озод ва имконияти амалишавии шаклҳои гуногуни моликият ба ҳисоб меравад. Имрӯз, ки Тоҷикистон ба сифати давлати демократию ҳуқуқбунёд баромад мекунад, дар заминаи трансформатсияи системаи ҷамъиятии хеш фаъолияти озоди корчалонӣ, иқтисоди бозоргонӣ, шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ, баробарҳуқуқии субъектҳои соҳаи иқтисодиро фароҳам овардааст. Ҳама гуна шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ дастгирӣ карда шуда, ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи онҳо кафолат дода мешавад.

Зербоби дуюми боби дуюм - «**Асосҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва амалии системаи сиёсии демократӣ**» ба таҳлилу омӯзиши заминаҳои гуногуни ташаккули системаи сиёсии ҷомеа, монеаҳо ва сабабҳои буҳронии ин раванд, ниҳодҳои асосии ташаккулдиҳандаи системаи сиёсии ҷомеа бахшида шудааст.

Таҳлили ҳамаҷонибаи равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар хусусияти демократӣ гирифтани системаи сиёсии кишвар зиддият ва ҳолатҳои гуногуни муқовиматӣ метавонанд ҳамчун монеа баромад кунанд. Аз ин сабаб, таҳқиқи тамоми омилҳои объективию субъективӣ, ғояҳои гузашти ақлонӣ ва консепсияи рушди устувор, имрӯз, воқеан метавонанд дар ҳалли масоил ва зиддияту мухолифатҳои гуногуни кишвар нақши мусбат бозанд. Амалияи сиёсӣ ва воқеияти раванди давлатсозӣ аз он далолат медиҳад, ки дар роҳи бартарафнамоии ҳолатҳои мухталифи муқовиматӣ аҳамияти муҳимро шуури сиёсӣ ба худ касб менамояд.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва роҳандозии арзишҳои демократӣ дар ин ё он ҷомеа наметавонад аз муташаккил гардонидани оммаи мардум, сохторҳои иҷтимоии он ва фаъолияти истеҳсолиаш берун сурат бигирад. Бинобар ин, шароити иқтисодӣ, вазъи сиёсӣ ва равандҳои идеологии ҳар як ҷомеа бояд дар шароити муайяни таърихии ин ё он миллат ҳамчун давраи рушди муосири иҷтимоӣ мадди назар қарор бигирад. Вобаста ба ин гуфтаҳо метавон қайд намуд, ки дар ҳолати гузариш ба марҳилаи бадастоварии истиқлолияти сиёсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият пайдо кард, ки дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа мустақилона амал намояд. Дар ин раванд яке аз масъалаҳои муҳими сиёсӣ ин ташаккули системаи сиёсии декмократӣ ба шумор мерафт.

Ташаккули системаи нави сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама марбут ба қабули Конститутсияи кишвар буд, ки дар ин давраи мураккаб аҳамияти бузурги ҳуқуқию сиёсиро дар ҷомеа таъмин кард. Дар Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои арзишӣ ва меъёрии системаи сиёсӣ инъикоси худро пайдо намуданд. Ибтидоан асосҳои сохтори конститутсионии кишвар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд. Хусусан масъалаи рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати давлати моҳиятан соҳибистиқлол мадди назар қарор гирифт.

Бамиёноварӣ ва мустаҳкамгардонии системаи сиёсии демократӣ дар Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат вобастаи маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсии оммаи мардум мебошад. Дар натиҷаи таъсири манфии равандҳои мазкур ба инсон хоҳу нохоҳ низоъҳои оммавӣ ба миён меоянд. Дар давраи мураккаби ташаккул додани режими сиёсии демократӣ мо ба таври воқеӣ ба талаботи гуногуни умумиятҳои мухталифи иҷтимоӣ, ошкор шудани унсурҳои бешуурона, паст гардидани фаъолияти ақлӣ ва мантиқии афроди гуногун ва низоми худидоранамоии мардум аз худ дарак медиҳанд. Дар чунин вазъ мардум худро барои давлат ва системаи сиёсии амалкунанда нолозим, нодаркор ва бегона меҳисобанд. Ва ин ҳолат низ бе сабаб ба миён намеояд. Зеро давлат ва системаи сиёсии амалкунанда шароити муносиб фароҳам овардани хайрияти умумро аз даст медиҳанд.

Нақши институтҳои сиёсӣ дар рушди системаи сиёсӣ ва тамоми унсурҳои дигари он нисбатан назаррастар мебошад. Чигунагии таъсиррасонии институтҳои сиёсӣ ба унсурҳои дигари таркибии системаи сиёсӣ ва накши назарраси онҳо дар ҳаёти сиёсӣ аз устувории онҳо вобастагии зиёд дорад. Устувории онҳо дар навбати худ аз ҷиҳатҳои зерин бармеояд:

- меъёрҳое, ки хусусиятҳои баҳамтаъсиррасониҳоро ба танзим медарорад;
- муҷозоте, ки ҳангоми берун шудан аз доираи рафтори муқурраргардида чун монеа баромад мекунанд;
- ҳамчун одат қарор гирифтани низоми институтсионалии баамаломада барои одамон ва ғ.[1]

Дар ҷомеаи муосир институтҳои сиёсии зерин бештар аз худ дарак медиҳанд: институти парламентаризм, институти ҳокимияти иҷроия, институти хизмати давлатӣ, институти президентӣ, институти ҳокимияти судӣ.

Ҳар панҷ институтҳои сиёсӣ заминаи воқеии рушди муносибатҳои гуногуни сиёсиро фароҳам меоранд. Таъсиррасонӣ ва алоқамандии байниҳамдигарии давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама аз мавҷудият ва фаъолияти ин институтҳо вобастагӣ дорад. Илова бар ин, робитаҳои тарафайни байни афроди ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва умумиятҳои мухталифи ҷамъиятӣ аз ин институтҳо сарчашма мегиранд. Дар маҷмӯъ, рушди системаи сиёсии ҷомеа маҳз аз ҳамин институтҳо бармеоянд.

Зербоби сеюми боби дуюм - «**Раванди ташаккулёбии системаи сиёсии демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлилу баррасии ҷанбаҳои муҳимтарини татбиқи меъёрҳои демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилот ва дурнамои рушди системаи сиёсии демократии кишвар бахшида шудааст.

---

[1] Ниг.: Роль политических институтов в политике [Маводи электронӣ]. Сомонаи интернетӣ: http://www.allbest.ru/.

Дар шароити нави сиёсӣ ва бо қабули як қатор санадҳои сиёсю ҳуқуқӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи инкишофи демократӣ фароҳам омад. Яке аз чунин санадҳои тақдирсози миллати тоҷик қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мутобиқи мазмуни ин ҳуҷҷати муҳими сиёсиву ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ташаккули ташкилотҳои давлатию иттиҳоди ҷамъиятӣ фароҳам омад. Инчунин дар системаи сиёсии кишвар дар алоқамандӣ бо моддаи даҳуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои нисбатан нави сиёсӣ поягузорӣ гардид. Дар ин модда «Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд».[1]

Амалияи сохтори давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки тамоми ҳолатҳои дохиливу хориҷӣ ҷомеаи Тоҷикистонро, хусусан иқтидори ақлонӣ онро ба хулосае овард, ки ҳама бояд дар мустаҳкамгардонии давлатдории навини Тоҷикистон ба ҳам биоянд. Дар ин амал намояндагони миллату халқиятҳои гуногуне, ки тӯли даҳсолаҳои зиёд дар кишвар маскунанд, бояд ба таври ҳамоҳанг фаъолият баранд. Дар давраи аввали ба даст овардани истиқлолият, ки давлати мо ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида буд, ҳама беистисно дарк мекарданд, ки нахусткоре, ки бояд карда шавад, ин истиқрори сулҳ ва оромии ҷомеа мебошад. Маҳз дар ин асно баъдан дар бораи эҳёи Ватан ва таъмини ваҳдати миллӣ сухан гуфтан имкон дошт.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳизбҳои сиёсӣ, сохторҳои гуногуни давлатӣ, ташкилот ва созмонҳои мухталифи миллию эҷодӣ мавҷуданд ва фаъолияти гуногунҷабҳа мебаранд. Ҳадафи ҳамаи онҳо бояд ризоияти миллӣ ва сохтори давлати демократию ҳуқуқӣ ва дунявӣ бошад. Тамоми ташкилоту созмонҳои ғайридавлатӣ бояд сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии кишварро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ намояд. Дар қатори институтҳои давлатӣ онҳо бояд баҳри тарбияи ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа, хусусан қишри осебпазири ҷомеа, яъне ҷавонон бояд камари ҳиммат банданд. Танҳо дар ин ҳолат дар бораи фароҳамоварии рукнҳои давлатдории навини миллӣ ва мустаҳкам гардонидану рушди системаи сиёсии демократӣ сухан гуфтан мумкин аст.

Системаи сиёсии демократӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то қадри имкон ташаккул ёфтааст, фазои мусоиди ҳар гуна ташаббусҳои иҷтимоию сиёсиро то андозае фароҳам овардааст. Баъзеҳо нисбат ба воқеияти сиёсии кишвар баҳои яктарафа ва номукаммал медиҳанд, ки гӯё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон режими сиёсии демократӣ аслан вуҷуд надорад. Вале ин гуна тарзи муносибат хосияти ғаразнок дошта, бисёр аз дастовардҳои ҳаёти сиёсии кишварамонро нодида мегирад. Ҷиҳати муҳим ин аст, ки омили субъективӣ дар мисоли ҷомеаи мо он қадар назаррас нест. Ин ҳолат сабабҳои воқеӣ дорад. Ба ибораи дигар, барои оне ки афрод, гурӯҳҳо ва умумиятҳои мухталифи иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ фаъол бошанд, онҳо бояд дорои шуури баланди сиёсӣ ва ҳамзамон маданияти сиёсии баланд бошанд. Зеро мо аз воқеияти сиёсии кишварҳои пешрафта медонем, ки барои рушди системаи сиёсии демократӣ танҳо фароҳам омадани шароити объективӣ кифоя нест. Худи субъектҳои ҳаёти ҷамъиятиву

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016. С. 10.

сиёсӣ низ бояд фаъол бошанд. Субъектҳои гуногун бояд барои ҳимояву амалишавии ҳуқуқу озодӣ ва манфиату талаботи хеш талош варзанд. Вале як нуктаи муҳим низ бояд дар ин ҷо ёдрас шавад, ки ҳамаи ин субъектҳо дар баробари думболагирии ҳуқуқу озодӣ ва манфиату талаботи хеш набояд аз вазифаву ӯҳдадориҳои шаҳрвандии хеш фаромӯш намояд.

Зимни таҳлили масъалаи мазкур муносибатҳои мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ ва ташкилоту созмонҳои ғайридавлатӣ дар системаи сиёсии демократӣ метавон ба хулосае овард, ки институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дарвоқеъ дар такмили ҷомеаи демократӣ ва системаи сиёсии хосияти демократидошта дар Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши хеле муҳими созандагӣ доранд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, ҷиҳати хубтару беҳтар ба роҳ мондани рушди системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои амалии муаллиф пешниҳод гардидаанд.

## ХУЛОСАҲО ВА НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

1. Системаи сиёсӣ чор хусусияти асосӣ дорад, ки онро аз дигар системаҳо дар фарқият мегузорад. 1) Умумӣ будани он. Дар ин ҳолат системаи сиёсӣ метавонад ба тамоми ҷомеа ва соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири назаррас расонад; 2) Баамалбарории назорати комил. Он имконияти амалӣ гардонидани роҳу воситаҳои маҷбурнамоиро аз лиҳози ҷисмонӣ, маънавӣ ва ғайра соҳиб аст; 3) Ҳуқуқи қабули қарорҳое, ки хосияти иҷборӣ доранд. Маҳз системаи сиёсӣ салоҳияти қабули он қарорҳоеро дорад, ки субъектҳои мухталифро баҳри итоат кардан аз онҳо мувазաф мегардонад; 4) Қарорҳои қабулгашта, ки маҷбуран ба ҳамагон бор карда мешаванд, ҳамзамон хосияти ҳокимиятиро соҳиб буда, неруи легитимӣ доранд. Аз ин хотир, эҳтимоли зиёд вуҷуд дорад, ки оммаи мардум аз онҳо итоат намоянд [3 - М].

2. Омӯзиши сохтор, вазифаҳо имконияту қобилиятҳо ва масъалаҳои марбути системаи сиёсӣ имкон фароҳам меорад, ки нақши мусбати ин падидаи муҳими ҳаёти сиёсӣ дар рушди ҷомеа дуруст муайян карда шавад. Аз он хотире ки системаи сиёсӣ нақши муайянкунандагиро дар нисбати зерсистемаҳои дигар ва умуман системаи ҷамъиятӣ мебозад, пас он вазифаву уҳдадориҳои сангинро бар дӯш дорад ва бояд ҳангоми баамалбарории онҳо аз рушди иҷтимоию фарҳангӣ ва тамаддунии ҷомеаи башарӣ сарфи назар нанамояд [2-М].

3. Аз системаи сиёсии яккаҳизбӣ ба системаи сиёсии бисёрҳизбӣ гузаштан ва табдили ҷомеаи сотсиалистӣ ба ҷомеаи демократӣ, ки маънои даст кашидан аз идеологияи давлатии марксистӣ-ленинӣ ба плюрализми сиёсиро дошт. Амалишавии тағйирпазирии системаи сиёсӣ як навъ бархӯрди анъанаҳо ва арзишҳои сиёсии пешинаро бо нав замина гузошт. Қисме аз афрод, ки бештари умрашон дар даврони шӯравӣ сипарӣ гашта буд, пурра арзишҳои нави сиёсиро қабул надоштанд ва ҳамзамон ҷавонон ва миёнасолоне, ки ба арзишҳои нави сиёсӣ рӯ оварда буданд, онҳо дигар анъанаҳои пештараро хуш қабул надоштанд. Ин ҳолат боис гашт, ки як навъ бегонагӣ дар муносибати мутақобилаи насли ҷавон ва калонсол ба миён бияд [1- М].

4. Кишвари мо тадриҷан меъёр ва арзишоти демократиро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳаи сиёсат амалӣ гардонида истодааст. Дар ин замина оҳиста-оҳиста унсурҳои ба миён омадани ҳар гуна муқовимат дар марҳилаҳои нахустинашон ошкор шудаву ба таври саривақтӣ маҳв гардонида мешаванд. Умед аст, ки дар марҳилаҳои наздики рушди хеш Тоҷикистони азиз дар такмил ва таҳкими системаи сиёсии ҷомеа ба муваффақиятҳои назаррас ноил хоҳад гашт. Бо ҳама ин муваффақиятҳо ва фароҳамовариҳои асосҳои сиёсиву ҳуқуқии рушди демократии системаи сиёсӣ боз ҳам омӯзиши назаривию таҳлили амалии минбаъдаи он аз таваҷҷуҳи доираҳои илмӣ ва Ҳукумату Давлат набояд дур бимонад [1- М].

5. Омилҳои иҷтимоиву сиёсии суботи системаи сиёсии кишвар марбут ба режими амалкунанда буда, дар алоқамандӣ бо қонуниятҳои раванди рушди муосири Тоҷикистон имконияти амалишавии арзишоти демократиро дар худ инъикос карда метавонад. Рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати давлати миллӣ, пеш аз ҳама марбут ба амалишавии системаи сиёсии демократии кишвар аст. Дурнамои рушди кишвар ҳам аз омилҳои объективию субъективии мусоидаткунандаи инкишофи системаи сиёсии кишвар вобаста мебошад [5-М].

## ТАВСИЯҲО
## ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Дар васоити ахбори омма ва хусусан шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн намудани иттилоот оид ба афкори иҷтимоиву сиёсии Форобӣ, Фирдавсӣ, Низомулмулк, Хайём, Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва дигар мутафаккирон. Зарур аст, ки дар фитрати ҳар як шаҳрванд ва умуман аҳолии Тоҷикистон тасаввуроти дуруст ва саҳеҳ оид ба омилҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию фарҳангӣ ва заминаҳои ташаккули давлатдории тоҷикон, мустақилияти он ва суверенитети давлатӣ ба миён биояд. Ба таври васеъ ташвиқ намудани моҳият, вазифаҳо ва ҳадафҳои системаи сиёсии демократӣ дар шароити муосир.

2. Бо мақсади самаранок будани раванди устуворгардонӣ ва инкишофи системаи сиёсии демократӣ бояд фаъолияти ҳамаҷонибаи маънавию мафкуравии институтҳоро дар мубориза алайҳи экстремизми динӣ, фундаментализм, ақоиди миллатчигӣ ва дигар зуҳуроти манфии замони муосир ҷоннок намуд. Тамоми таҳдидҳо ва зуҳуроти манфиро аз лиҳози илмӣ баррасӣ намуда, таъсири манфии онҳоро ба суботи иҷтимоию сиёсии давлат нишон дод. Ҳамзамон пешгирӣ кардани ҳама гуна шакли фаъолияте, ки дар муқобили сохтори демократӣ ва дунявии кишварамон қарор доранд, шарт ва зурур мебошад.

3. Раванди инкишоф ва суботи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли пешина имрӯз ҳам дар мубориза алайҳи зуҳуроти манфии муосир сурат гирифта истодааст. Бинобар ин, дар маърӯзаҳо ва баромадҳои конференсияҳои назариявию амалӣ, низоми таълим, баҳсу мунозираҳо дар сатҳҳои мухталиф бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки аз зарару зиёни ҳама гуна зуҳуроти манфии замони муосир барои ҷомеа ҳушдор дода шавад, аз қабили тоталитаризм, бюрократизм, маҳалгароӣ, консерватизм, коррупсия ва ғ. Ҳамаи ин зуҳуроти манфӣ дар

муқобили ахлоқи инсонӣ қарор гирифта, воситаҳои мустаҳкамгардонии рукнҳои давлатдории миллиро заиф мегардонад ва дар муқобили раванди демократикунонии ҷомеаву кишвар меистанд.

4. Раванди ташаккули идеалҳои демократӣ дар фитрати ҳар як фард ва кулли ҷомеа раванди хеле мушкил ва мутазод ба ҳисоб рафта, баҳамтаъсиррасонии ҳама гуна омилҳоро дар ҷомеаву давлат тақозо менамояд. Хусусан баҳампайвастагӣ ва баҳамтаъсиррасонии се унсури муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ, яъне таълим, тарбия ва меҳнат амри зарурӣ дар ин ҷода ба ҳисоб мераванд. Раванди мазкур ба таври мунтазам бояд дар мактаб, коллективҳои меҳнатӣ ва инчунин макони зист пайваста амалӣ гардонида шавад. Тибқи назари мо, дар самаранокии раванди мазкур ҷиҳате метавонад нақши назаррас бозида бошад, ки таваҷҷуҳи оммаи мардум дар нисбати баҳамалоқамандии вазифаву ҳадафҳои ҳар як шахс ва вазифаву мақсадҳои Ватани азизамон – Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шавад.

5. Тибқи назари мо, барои суботи қудрати давлатӣ ва умуман системаи сиёсии ҷомеа зарур аст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои мухталиф ба инобат гирифта шаванд, аз ҷумла ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ, фарҳангӣ, демократӣ, геополитикӣ, ҳарбӣ, дипломатӣ, ки маҷмӯан қудрати давлатро дар худ инъикос мегардонад. Устуворгардонии омилҳои мазкур дар баробари суботи системаи сиёсии демократӣ дар ҳақиқат метавонанд дар рушди демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявии давлат ва режими муносиби он мусоидат намояд.

## ИНТИШОРИ НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия чоп шудаанд:**

[1 - М]. Қаландаров К.Қ. Раванди демократикунонӣ ва нақши он дар таҳкими системаи сиёсӣ [Матн] / К.Қ. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми 2. – 2017. – № 2/4.– С.309-313. ISSN 2413-5151

[2 - М]. Қаландаров К.Қ. Нақши назариёти муосири илмӣ дар таҳлили системаи сиёсӣ [Матн] / А. Муҳабатов, К.Қ. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – № 2/8.– С.282-287. ISSN 2413-5151

[3 - М]. Қаландаров К.Қ. Асосҳои назариявии омӯзиши системаи сиёсӣ [Матн] / К.Қ. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – № 6.– С.283-288. ISSN 2413-5151

[4 - М]. Қаландаров К.Қ. Баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун заминаи рушди системаи сиёсӣ [Матн] / К.Қ. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 4.– С.319-326. ISSN 2413-5151

**Мақолаҳо дар нашрияҳои дигар:**

[5 - М]. Қаландаров К.Қ. Таснифи системаҳои сиёсӣ дар раванди ҳаёти сиёсии ҷомеа [Матн] / К.Қ. Қаландаров // Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳои илмию таҳқиқотӣ). Қисми VII. –Душанбе, 2019. –С.56-62.

[6 - М]. Қаландаров К.Қ. Баъзе равия ва таълимотҳо дар бораи системаи сиёсӣ [Матн] / К.Қ. Қаландаров // Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳои илмию таҳқиқотӣ). Қисми VIII. –Душанбе, 2020. –С.157-167.

[7 - М]. Қаландаров К.Қ. Таснифи системаҳои сиёсӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ [Матн] К.Қ. Қаландаров // Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави ҷаҳони муосир: маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе, 5 декабри соли 2019). –Душанбе, 2019. –С.213-222.

[8 - М]. Қаландаров К.Қ. Тамоюли инкишофи системаҳои сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / К.Қ. Қаландаров // Нақши ниҳодҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 12 декабри соли 2018). –Душанбе, 2018. –С.245-255.

# АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси: 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Калидвожаҳо:** системаи сиёсӣ, унсурҳои системаи сиёсӣ, давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, равандҳои сиёсӣ,

Таҳқиқоти мазкур ба омӯзиши раванди ташаккулёбии системаи сиёсии ҷомеа бахшида шуда, ҷиҳати рушди минбаъдаи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тағйирпазирии ҷомеа хеле муҳим мебошад. Муаллиф барои нишон додани моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи раванди ташаккулёбии назарияи системаи сиёсӣ доираи васеи адабиёти илмиро таҳлилу баррасӣ намуда, ҷанбаҳои назариявию методологии ин масъаларо равшан сохтааст. Пеш аз ҳама, хусусияти динамикӣ ва тағйирёбанда доштани системаи сиёсии ҷомеа, аз як шакл ба шакли дигар гузаштани он, хусусияти демократӣ касб намудани онро нишон додааст. Инчунин сохтори системаи сиёсӣ, унсурҳои таркибии он, аз қабили давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар унсурҳои меъёрии системаи сиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур муаллиф унсурҳои таркибии системаи сиёсии ҷомеаро таҳлилу баррасӣ намуда, вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти онҳоро нишон додааст. Ҳамзамон, системаи сиёсӣ ҳамчун зерсистемаи низоми ҷамъиятӣ муаррифӣ гардида, таъсири он ба системаҳои дигари ҷамъиятӣ, аз қабили системаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ муайян карда шудааст. Яке аз масъалаҳои асосии таҳқиқгардида раванди тағйирпазирии системаи сиёсии ҷомеа мебошад. Муаллиф дар баробари назарияи системаи сиёсӣ, инчунин амалияи татбиқи онро низ матраҳ намудааст. Дар ин замина раванди ташаккулёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш, дигаргуниҳои сиёсию меъёрии ҷомеа, ислоҳоти низоми давлатдорӣ ва идоракунии давлатӣ, нақши ниҳодҳои сиёсӣ дар ташаккули системаи сиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Инчунин дар таҳқиқот омилҳои гуногун ва монеаҳои рушди системаи сиёсии демократӣ нишон дода шудаанд. Муаллиф барои рушди минбаъдаи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бартараф намудани монеаҳои мазкур ва ҳалли масъалаҳои дар ин самт мавҷударо зарур мешуморад. Бо ин мақсад тавсияҳои амалие пешниҳод мегарданд, ки ҷиҳати таъмини рушди минбаъдаи системаи сиёсии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти мазкур ба таҳқиқи масъалаҳои гуногуни ивазшавии системаи сиёсӣ, гузариш аз як система ба систами сиёсии дигар, хусусиятҳои муҳимми раванди тағйирпазирии системаи сиёсӣ ва раванди дигаргуншавии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ба даст овардани истиқлолият бахшида шудааст.

# АННОТАЦИЯ

**на автореферет диссертации Каландарова Кароматулло Каландаровича на тему «Процесс формирования политической системы в условиях изменяющегося общества (на перимере Таджикистана)» на соискание учёной степени кандидата политических наук по специальности: 23.00.02 – Политические институты, процессы и технологии**

**Ключевые слова:** политическая система, элементы политической системы, государство, политические партии, политическая культура, правовые нормы, политические процессы,

Данное исследование посвящено изучению процесса формирования политической системы общества и очень важно для дальнейшего развития политической системы Республики Таджикистан в условиях меняющегося общества. Для демонстрации сущности и непосредственных особенностей процесса формирования теории политической системы, автором был проведен анализ широкого спектра научной литературы, освещая теоретические и методологические аспекты данного вопроса. Прежде всего, динамичный и изменчивый характер политической системы общества, ее переход от одной формы к другой показал демократический характер ее приобретения. Также анализируется и рассматривается структура политической системы, ее составные элементы: государство, политические партии, общественные организации и другие нормативные элементы политической системы.

В данном исследовании автором проанализированы и обсуждены составные элементы политической системы общества, указаны цели и основные направления их деятельности. В то же время политическая система была представлена как подсистема общественной системы, и ее влияние было определено на другие общественные системы, такие как экономическая, социальная, культурная, правовая. Одним из основных вопросов исследования является процесс изменения политической системы общества. Наряду с теорией политической системы, автор также обсудил и практику ее применения. На этой основе, анализировались и рассматривались процессы формирования политической системы Республики Таджикистан в условиях переходного периода, политических и нормативных изменений в обществе, реформирования государственной системы и государственного управления, роль политических институтов в формировании политической системы. Исследование также выявило различные факторы и препятствия на пути развития демократической политической системы. Для дальнейшего развития политической системы Республики Таджикистан, необходимо устранить эти препятствия и решить имеющиеся в этом направлении проблемы. С этой целью предлагаются практические рекомендации, направленные на обеспечение дальнейшего развития политической системы Таджикистана. В целом, данное исследование посвящено исследованию различных вопросов изменения политической системы, перехода от одной системы к другой политической системе, важных особенностей процесса изменения политической системы и процесса трансформации политической системы Республики Таджикистан в условиях приобретения независимости.

# ANNOTATION

## to the dissertation author's abstract Kalandarov and Karomatullo Kalandarovich on the topic" The process of formation of a political system in the conditions of society volatility" (on the perimeter of Tajikistan) for the degree of candidate of political sciences in the specialty: 23.00.02 - Institutions, processes and political technologies

**Key words:** political system, elements of the political system , state , political parties , political culture , legal norms , political processes.

This study is devoted to the study of the process of formation of the political system of society and is very important for the further development of the political system of the Republic of Tajikistan in a changing society. To demonstrate the essence and direct features of the process of forming the theory of a political system, the author analyzed a wide range of scientific literature, highlighting the theoretical and methodological aspects of this issue. First of all, the dynamic and changeable nature of the political system of society, its transition from one form to another showed the democratic nature of its acquisition. It also analyzes and considers the structure of the political system, its constituent elements: the state, political parties, public organizations and other normative elements of the political system.

In this study, the author analyzes and discusses the constituent elements of the political system of society, indicates the goals and main directions of their activities. At the same time, the political system was presented as a subsystem of the social system, and its influence was determined on other social systems, such as economic, social, cultural, legal. One of the main research questions is the process of changing the political system of society. Along with the theory of the political system, the author also discussed the practice of its application. On this basis, the processes of the formation of the political system of the Republic of Tajikistan in the conditions of the transitional period, political and regulatory changes in society, reforming the state system and public administration, the role of political institutions in the formation of the political system were analyzed and considered. The study also identified various factors and obstacles to the development of a democratic political system. For the further development of the political system of the Republic of Tajikistan, it is necessary to remove these obstacles and solve the existing problems in this direction. For this purpose, practical recommendations are proposed aimed at ensuring the further development of the political system of Tajikistan. In general, this study is devoted to the study of various issues of changing the political system, the transition from one system to another political system, important features of the process of changing the political system and the process of transforming the political system of the Republic of Tajikistan in the conditions of gaining independence.

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**УДК: 321.022**
**ББК: 66.01 (2 точик)**
**К-25**

***На правах рукописи***

**Каландаров Кароматулло Каландарович**

# ПРОЦЕСС ФОРМИРОВАНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ В УСЛОВИЯХ ИЗМЕНЯЮЩЕГОСЯ ОБЩЕСТВА
## (на примере Таджикистана)

**Специальность:** 23.00.02 – Политические институты, процессы и технологии (политические науки)

**АВТОРЕФЕРАТ**
диссертации на соискание ученой
степени кандидата политических наук

**Душанбе - 2021**

Диссертация выполнена на кафедре политических процессов
в Таджикистане философского факультета Таджикского
национального университета

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Мухабатов Абдусалом** – кандидат философских наук, профессор кафедры политических процессов в Таджикистане Таджикского национального университета |
| **Официальные рецензенты:** | **Акмалова Мунира Абдунабиевна –** доктор политических наук, профессор, декан факультета политологии и международных отношений Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики;<br>Комилбек Амид Ёрбек – кандидат политических наук, доцент, проректор по науке и инновации Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. |
| **Оппонирующая организация:** | Государственное учреждение «Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни» |

Защита диссертации состоится «01» октября 2021 года, в 13:00 часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-030 при Таджикском национальном университете (734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33).

С текстом диссертации можно ознакомится в научной бибилиотеке Таджикского национального университета и на официальном сайте ТНУ (www.tnu.tj).

Автореферат разослан «___» ______________ 2021 года.

Учёный секретарь
Диссертационного совета,
кандидат политических наук, доцент Раджабов И.Ш.

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Среди различных процессов и различных сложных событий политической жизни одним из важнейших вопросов является вопрос о политической системе общества. Исходя из этого, вдвойне важно всестороннее изучение различных факторов и причин формирования и развития политической системы в контексте развития современных государств. Поэтому этот вопрос привлек внимание широкого круга исследователей и ученых в различных областях, включая политологов, философов, историков, социологов, юристов, психологов и других специалистов.

Из всестороннего анализа научно-теоретической литературы вытекает, что политическая система в различных формах и видах жизни общества процветала на разных этапах. Формирование политической системы в контексте существования государства определяется как ее важнейший элемент. На наш взгляд, основное внимание уделяется изучению политической системы на современных этапах человеческого развития, поскольку в последнее время основное внимание было сосредоточено именно на государстве как на определяющей политической единице.

В формировании и развитии политической системы общества весьма велика роль социально-политических, социально-экономических и культурно-нравственных факторов, и до определенной степени со стороны исследователей различных сфер рассмотрены исторические, психологические, философские, правовые, а также политические аспекты. Указанные аспекты политической системы сегодня являются и основным предметом споров различных научно-исследовательских кругов.

В тоже время, следует отметить, что из относительно глубокого анализа существующей литературы по этой теме можно проследить, что среди ученых нет единого мнения относительно сущности, содержания, характеристик и разновидности политической системы. Поэтому исследование вопроса политической системы общества в современных условиях Республики Таджикистан считается важным и своевременным.

